# 14. ҚАТЪНОМАИ 78/321 – ДАҲСОЛАИ АМАЛҲО БАРОИ ИЛМҲОИ КРИОСФЕРА, СОЛҲОИ 2025-2034

Қабули Қатъномаи 78/321 аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун як қадами сарнавиштсоз дар самти ҷаҳонисозӣ ба криосфера арзёбӣ мегардад. Криосфера дар ҳуҷҷат ҳамчун низоми мураккаби табиӣ баён гардидааст, ки тамоми шаклҳои оби яхбастаро дар рӯи Замин фаро мегирад: пиряххо, қабати барф, яххои укёнусӣ ва баҳрӣ, яхбандии абадӣ ва сарпӯшҳои қутбӣ. Ин санад, ки рӯзи 14 августи соли 2024 қабул гардид, давраи солҳои 2025-2034-ро ҳамчун Даҳсолаи амалҳо дар соҳаи илмҳои криосфера эълон намуда, ҷомеаи ҷаҳониро ба таҳкими ҳамоҳангсозии кӯшишҳо дар самти омӯзиш, ҳифз ва мутобиқшавӣ ба тағйироти криосфера, ки натиҷаи бевоситаи гармшавии ҷаҳонӣ мебошанд, даъват месозад.

Қатъномаи 78/321 махсусан таъкид менамояд, ки тағйироти ба амалоянда дар криосфера на танҳо паёмадҳои илмӣ ва экологӣ доранд, балки ба самтҳои калидии рушди устувори ҷаҳонӣ таъсири мустақим мерасонанд. Аз ҷумла, онҳо бо масъалаҳои ҳифзи гуногунии биологӣ, таъмини амнияти обӣ, тағйироти сатҳи баҳрҳо, устувории таъминоти озуқаворӣ ва суботи иҷтимоиву иқтисодӣ иртиботи ногусастанӣ доранд. Дар айни замон, осебпазиртарин минтақаҳо, яъне кӯҳӣ, соҳилӣ ва қутбӣ, ба таъсири босуръати ин равандҳо бештар дучор мегарданд.

**Аз** ҷумлаи ҳадафҳои калидии Даҳсола инҳоро метавон зикр кард. Пеш аз ҳама, он ба таҳкими донишҳои илмӣ дар бораи равандҳои криосфера равона шудааст. Ин вазифа тавассути густариши тадқиқотҳои байналмилалӣ, истифодаи равишҳои байнисоҳавӣ ва ташкили низоми муассири мубодилаи додаҳои илмӣ амалӣ мегардад.

Дуюм, мақсади муҳими Даҳсола ташкили платформаи ҷаҳонии илмӣ ва таълимӣ мебошад, ки метавонад дастовардҳои илмиро на танҳо ба сиёсат, балки инчунин ба афкори ҷомеа ворид созад. Ин платформа ба сифати воситаи муассири робитаи илм ва сиёсат хизмат хоҳад кард.

Сеюм, дар ҳуҷҷат зарурати таҳия ва татбиқи стратегияҳои мутобиқшавӣ таъкид гардидааст, ки махсусан барои кишварҳои осебпазир, аз ҷумла давлатҳои кӯҳӣ ва кишварҳои хурди ҷазиравии рушдёбанда аҳамияти ҳаётан муҳим доранд.

Чорум, муҳимияти мониторинги мунтазам ва дақиқи тағйирот дар криосфера ва зарурати таҳияи низомҳои ҷаҳонии огоҳии барвақт аз хатарҳои криогенӣ, ба монанди ташаккули кӯлҳои пиряхӣ, хатари тармаҳо ва обшавии яхбандии абадӣ нишон дода шудааст.

Панҷум, дар қатънома ба зарурати ҳамгироии кӯшишҳои Созмони Милали Муттаҳид, муассисаҳои байналмилалии тадқиқотӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ишора мешавад, то ки тавассути иқдомоти муштарак натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шаванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ташаббускори қатънома баромад намуд, ки бо ин роҳ роҳбарии худро дар соҳаи дипломатияи глобалии об ва иқлим собит сохт. Тоҷикистон бо пайгирии пайдарпайи ташаббусҳои худ – аз эълони Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо (2025) то ташкили Рӯзи ҷаҳонии пиряххо (21 март) пешниҳод намуд, ки рӯзномаи криосфера бо равиши илмӣ

ва институтсионалӣ тавсеа ёфта, ба платформаи даҳсолаи илмӣ-сиёсӣ табдил дода шавад.

Ташаббуси кишвар бо чанд далели асосӣ мустаҳкам гардонида шуд. Аввалан, 93 фоизи қаламрави Тоҷикистонро кӯҳистон ташкил медиҳад ва қисми назарраси захираҳои обии он аз ҳисоби обшавии пиряххо ташаккул меёбад. Дуюмн, кишвар ниёзманди дастгирии илмӣ, интиқоли технологияҳои муосир ва ҷалби сармоягузорӣ барои амалисозии мониторинг, пешгӯӣ ва тадбирҳои мутобиқшавӣ мебошад. Ва ниҳоят, бӯҳрони ҷаҳонии криосфера ҳамчун як мушкили фарогир ҳалли дастаҷамъона, бонизом ва дарозмуддатро тақозо менамояд.

Даҳсолаи амал дар соҳаи илмҳои криосфера ба таври органикӣ бо Ҳадафҳои асосии рушди устувор ҳамоҳанг аст, аз ҷумла бо Ҳадафи 6 (оби тоза ва санитария), Ҳадафи 13 (амалҳо дар соҳаи иқлим), Ҳадафи 15 (ҳаёт дар хушкӣ) ва Ҳадафи 17 (шарикӣ барои рушди устувор).

Қатъномаи 78/321 оид ба Даҳсолаи амалҳо дар соҳаи илмҳои криосфера (2025-2034) ҳамчун як майдони инноватсионии илмӣ-сиёсӣ арзёбӣ мегардад, ки ҳадафи он ташаккули равиши комил ва ҳамгироёна ба омӯзиш ва ҳифзи пиряххои сайёра мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки пешниҳодкунандаи ин ташаббус баромад намуд, бори дигар нақши стратегии худро ҳамчун пул байни кӯҳистон ва сиёсати глобалии иқлимӣ собит сохт ва криосфераро ба маркази рӯзномаи байналмилалии экологӣ гузошт. Пиряххо ҳамчун манбаи асосии оби ошомиданӣ нақши ҳаётан муҳимро дар ташаккули ҷараёни дарёҳо дар Тоҷикистон ва умуман минтақаи Осиёи Марказӣ мебозанд. Бо ташаббуси Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин Фонди байналмилалии ҳифзи пиряххо таъсис дода шуд, ки вазифаи он маблағгузории тадқиқоти илмӣ, мониторинг ва таҳияи стратегияҳои мутобиқшавӣ ба раванди обшавии пиряххо мебошад. Бо ин иқдом Тоҷикистон бори дигар мавқеи пешоҳангии худро дар масоили амнияти об ва иқлим тасдиқ намуда, дипломатияи экологиро таҳти роҳбарии Пешвои миллат ба сатҳи нави бонизом ва таъсири стратегии байналмилалӣ баровард.

Ҳамоҳангсозии чорабиниҳо дар доираи Даҳсола ба Созмони Милали Муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) вогузор шудааст, ки бо дигар сохторҳои дахлдори низоми СММ, аз ҷумла Созмони ҷаҳонии метеорологӣ (WMO), Барномаи СММ оид ба муҳити зист (UNEP), инчунин марказҳои илмии махсусгардонидашуда ва ташкилотҳои минтақавӣ ҳамкорӣ хоҳад намуд. ЮНЕСКО ҳамчун ҳамоҳангсози ҷаҳонӣ ваколатдор шудааст, ки назари ҳамгироёнаро ба ташаккули ҳуҷҷатҳои барномавӣ, рӯзномаи илмӣ ва ташаббусҳои таълимӣ таъмин намояд, ки ҳадафи онҳо густариши донишу маърифати ҷомеа дар бораи криосфера ва паҳнсозии таҷрибаҳои беҳтарин дар самти ҳифзи он мебошад.

Татбиқи Даҳсола дар ҳамбастагӣ бо амалӣ намудани Ҳадафҳои рушди устувор сурат мегирад, бахусус дар самтҳое чун мубориза бо тағйирёбии иқлим, таъмини истифодаи устувори захираҳои об ва ҳифзи экониизомҳои хушкӣ. Ин ташаббус, ҳамчунин, бо меъёрҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (2018-2028), ки қаблан аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ва аз тарафи СММ тасдиқ шуда буд, мувофиқат дорад

ва бо қатъномаи эълони соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо ҳамоҳанг аст.

Тобистони соли 2025 марҳалаи муҳими пешбурди ташаббуси Даҳсолаи амалҳо дар соҳаи илмҳои криосфера доир гардид: дар шаҳри Париж Саммити байналмилалии сатҳи баланд оид ба криосфера ва тағйирёбии иқлим баргузор шуд. Ин ҳамоиш бо пуштибонии фаъоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса баргузор гардида, намояндагони калидии давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ, муассисаҳои илмӣ, фондҳои экологӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро гирд овард. Саммит ба як платформаи муҳими музокиротӣ табдил ёфт, ки дар он роҳҳои татбиқи муқаррароти қатънома ва таҳкими ҳамкориҳои илмии ҷаҳонӣ баррасӣ шуданд.

Дар ҷараёни ҳамоиши Париж пешниҳодҳои мушаххас оид ба густариши низомҳои мониторинги криосфера, афзоиши ҳаҷми маблағгузории тадқиқоти илмӣ ва таъсиси барномаҳои махсуси байналмилалии дастгирии давлатҳои кӯҳӣ, ки аз паёмадҳои обшавии пиряхҳо осебпазиранд, садо доданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар симои ҳайати расмии сатҳи баланд ва таҳти сарпарастии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо даъвати ҷиддӣ ба ҳамбастагии байналмилалӣ дар масъалаи ҳифзи низомҳои криосфера баромад намуда, зарурати тадбирҳои фаврӣ ва ҳамоҳангшударо таъкид кард.

Саммити Париж идомаи мантиқии фаъолияти дипломатии Тоҷикистон гардид ва нақши кишварро ҳамчун пешсафи ҷаҳонӣ дар соҳаи дипломатияи сабз боз ҳам мустаҳкам намуд. Намояндагони ЮНЕСКО, WMO, UNEP ва як қатор шабакаҳои байналмилалии илмӣ омодагии худро барои ҳамоҳангсозии кӯшишҳо дар доираи Даҳсола баён намуда, роҳҳои нави ҳамкорӣ, мубодилаи илмӣ ва ташаккули платформаҳои минтақавиро баррасӣ карданд.

Муҳим он аст, ки ҳамоиши Париж мақоми байналмилалӣ ва аҳамияти илмии Даҳсолаи амалҳо дар соҳаи илмҳои криосфераро таҳким бахшид, ки дар натиҷа «харитаи роҳ»-и амалҳо барои солҳои наздик таҳия гардид. Дар меҳвари он масъалаҳои устувории минтақаҳои кӯҳӣ, обшавии пиряхҳо, таъмини адолати иқлимӣ ва ҳамгироии рӯзномаи криосфера ба амалӣ шудани Ҳадафҳои рушди устувор қарор доранд.

Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин раванд на танҳо мавқеи онро ҳамчун иштирокчии масъул ва фаъоли гуфтугӯи ҷаҳонӣ тақвият мебахшад, балки аҳамияти байналмилалии ташаббусҳои экологии Пешвои миллатро низ боз ҳам боло мебарад.

**Маҷмаи Умумӣ**

Distr.: General
14 August 2024

**Иҷлосияи ҳафтоду ҳаштум**
Банди 18-уми барномаи рӯз
Рушди устувор

## Қатъномае, ки 13 августи соли 2024 аз тарафи Маҷмаи Умумӣ қабул шудааст

[бе гузариш ба комитетҳои асосӣ (A/78/L.99)]

## 78/321. Даҳсолаи амал барои илмҳои криосфера, солҳои 2025–2034

*Маҷмаи Умумӣ,*

бо истинод ба қатъномаи худ 77/158 аз 14 декабри соли 2022, ки тибқи он соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон шуда ва 21 март ҳар сол ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряххо, ки аз соли 2025 таҷлил мегардад, муқаррар шудааст,

бо истинод ҳамчунин ба қатъномаи худ 77/326 аз 25 августи соли 2023 оид ба Даҳсолаи байналмилалии илм ба манфиати рушди устувор, солҳои 2024-2033,

бо истинод минбаъда ба қатъномаи худ 77/172 аз 14 декабри соли 2022 оид ба рушди устувори кӯҳӣ, ки тибқи он солҳои 2023-2027 ҳамчун Панҷсолаи амалҳо оид ба рушди минтақаҳои кӯҳӣ эълон шудааст,

бо истинод ба қатъномаи худ 72/73 аз 5 декабри соли 2017, ки тибқи он Даҳсолаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба илм дар бораи укёнус ба манфиати рушди устувор эълон гардидааст,

бо дарназардошти он, ки зарурати гузаронидани ҳисоботи ҷаҳонӣ оид ба захираҳои яххои бисёрсола ва массаҳои барфӣ бори аввал дар доираи Даҳсолаи байналмилалии гидрологӣ, ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг барои солҳои 1965-1974 эълон шуда буд, баррасӣ гардида буд,

бо қайд намудани он, ки пиряххо ва қабатҳои яхии пиряхӣ яке аз ҷузъҳои муҳимтарини гардиши гидрологӣ мебошанд ва обшавии суръатгирифта ва ақибнишинии кунунии пиряххо ва ҳамчунин обшавии қабатҳои яхии пиряхӣ ба иқлим, сатҳи Укёнуси Ҷаҳонӣ, муҳити зист, нигоҳдории некӯаҳволӣ ва саломатии инсон ва рушди устувор таъсири ҷиддӣ мерасонанд,

бо эътироф кардани накши муҳими криосфера, аз ҷумла пиряххо, пӯшиши барф, ях ва яхбандии абадӣ, дар ҳифзи экониизомҳо, ки хизматҳои зарурітаринро таъмин менамоянд ва асоси рушди устувор ва некӯаҳволии инсонро, махсусан барои гурӯҳҳои осебпазиртарини аҳолӣ, мегузоранд,

бо эътироф кардани аҳамияти ташаббусҳои вобаста ба криосфераи Замин низ барои ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор[1] ва татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028,

бо изҳори нигаронӣ аз хулосаҳои дар Гузориши шашуми баҳодиҳии Гурӯҳи байниҳукуматии коршиносон оид ба тағйирёбии иқлим ва дар гузоришҳои вижаи он «Гармишавии глобалӣ ба андозаи 1,5 °C» ва «Уқёнус ва криосфера дар шароити тағйирёбии иқлим» овардашуда,

бо изҳори нигаронӣ низ аз хулосаҳои дар гузориши соли 2022-и Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг ва Иттиҳоди байналмилалии ҳифзи табиат ва захираҳои он бо унвони «Пиряххҳои мероси ҷаҳонӣ: нишондиҳандагони тағйирёбии иқлим» овардашуда, ки дар бораи обшавии босуръати пиряхҳо дар объектҳои мероси ҷаҳонӣ иттилоъ медиҳад ва тибқи пешгӯиҳо, сеяки чунин объектҳо то соли 2050 пурра нобуд мегарданд,

бо изҳори нигаронӣ минбаъд аз хулосаҳои дар гузориши Созмони Умумиҷаҳонии Ҳавошиносӣ «Вазъи иқлими ҷаҳонӣ, соли 2023» овардашуда, ки тағйироти ҷиддиро дар криосфера нишон медиҳад ва миқёси ҷаҳонии тағйирёбии иқлимро тасдиқ мекунад,

бо ёдоварӣ аз он, ки бисёре аз объектҳои мероси ҷаҳонии Созмони Милали Муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг, захираҳои биосферӣ ва геопарки ҷаҳонӣ дар баробари пиряхҳо ҷойгиранд, ва бо дарк кардани зарурати баҳодиҳӣ ба он, ки то чӣ андоза чунин объектҳои эътирофшуда, аз ҷумла ҷомеаҳои маҳаллӣ, аз нобудшавии пиряхҳо ва гуногунрангии биологӣ осеб мебинанд, ва ҳамчунин чӣ гуна маълумоти илмӣ ва донишҳои маҳаллӣ метавонанд ба фаҳмиши беҳтари таъсири тағйирёбии иқлим ба пиряхҳои кӯҳӣ ва экonизомҳо мусоидат намоянд,

бо қайд намудани саъйҳои Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг ва Созмони Умумиҷаҳонии Ҳавошиносӣ барои мусоидат ба баргузории Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо ва ҳамоҳангсозии чорабиниҳои дахлдор,

бо ба эътибор гирифтани пешниҳоди дар қатъномаи 77/158 ироашуда, ки ба ҳукуматҳо, ташкилотҳои байниҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ, гурӯҳҳои асосӣ, дигар ҷонибҳои дахлдор ва донорҳо муроҷиат мекунад, то ба таври ихтиёрӣ ба фонди мақсаднок барои дастгирии фаъолияти марбут ба ҳифзи пиряхҳо саҳм гузоранд, ки онро Дабири кул дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои дахлдори низоми Созмони Милали Муттаҳид, аз ҷумла ЮНЕСКО ва Созмони Умумиҷаҳонии Ҳавошиносӣ, ҳамоҳанг хоҳад кард, бо мақсади мусоидат ба кишварҳо дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба обшавии босуръати пиряхҳо ва оқибатҳои он,

бо истиқбол аз ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баргузории соли 2025 дар қаламрави Тоҷикистон Конференсияи байналмилалӣ бахшида ба ҳифзи пиряхҳо ва ба зимма гирифтани хароҷоти марбут ба он, ва бо эътирофи саҳми он дар татбиқи Даҳсолаи амалҳо ба дастгирии илмҳои марбут ба криосфера,

---

[1] *Ниг. Қатъномаи 70/1*

бо интизори таваҷҷуҳи хос ба баргузории аз ҷониби Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе Конференсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба захираҳои об, ки соли 2026 баргузор мегардад бо ҳадафи суръат бахшидан ба ноил шудан ба Ҳадафи 6 рушди устувор (таъмини дастрасӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об ва санитария барои ҳама), ва Конференсияи Созмони Милали Муттаҳид, ки соли 2028 баргузор мегардад ва ба баррасии ҷамъбастии раванди татбиқи ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028, бахшида хоҳад шуд,

бо эътироф кардани он, ки баргузории аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ Даҳсолаи амалҳо ба дастгирии илмҳои марбут ба криосфера дар сатҳи назаррас ба баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи ин масъалаҳо мусоидат хоҳад кард,

1. қарор мекунад давраи аз соли 2025 то соли 2034-ро Даҳсолаи амалҳо ба дастгирии илмҳои марбут ба криосфера эълон намояд, ки он дар доираи сохторҳои мавҷуда, захираҳои дастрас ва саҳмгузориҳои ихтиёрӣ амалӣ карда мешавад, бо мақсади ҳалли мушкилоте, ки ба обшавии пиряххо ва тағйирот дар криосфера вобастаанд, тавассути ташвиқи тадқиқотҳои дахлдори илмӣ ва мониторинг дар чорчӯби ҳадафи умумии мусоидат ба ҳамкориҳои илмии ҷаҳонӣ ва талошҳо дар соҳаи рушди устувор, ки дар чорчӯби Даҳсолаи байналмилалии илмҳо ба манфиати рушди устувор, солҳои 2024-2033, муқаррар шудааст;

2. ба ҳамаи давлатҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид, ҳамаи ташкилотҳои дахлдори низоми Созмони Милали Муттаҳид, дигар ташкилотҳои глобалӣ, минтақавӣ ва зерминтақавӣ ва халқҳои бумӣ, инчунин дигар ҷонибҳои манфиатдори дахлдор, аз ҷумла доираҳои илмӣ, созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахши хусусӣ ва шахсони инфиродӣ тавсия медиҳад, ки Даҳсолаи амалҳоро дар ҳамаи сатҳҳо ба таври муносиб баргузор намоянд, тавассути мусоидат ба гузаронидани чорабиниҳое, ки ба баланд бардоштани огоҳӣ оид ба ин Даҳсола ва аҳамияти пиряххо, барфпӯшӣ ва яхпӯшӣ дар низоми иқлимӣ ва даври гидрологӣ равона шудаанд, инчунин ба таъсири иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ аз тағйироти дар пешистода дар криосфераи Замин, ва мубодилаи таҷриба ва донишҳои пешқадам дар ин соҳа, аз ҷумла дар самти баланд бардоштани устуворӣ ба хатарҳои дахлдор;

3. ба Созмони Милали Муттаҳид оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг (ЮНЕСКО) пешниҳод мекунад, ки роҳбарии баргузории Даҳсолаи амалҳоро дар ҳамкорӣ бо дигар ташкилотҳои дахлдори низоми Созмони Милали Муттаҳид, инчунин дигар ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла ширкаткунандагони баргузории Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо дар соли 2025, ба уҳда гирифта, чорабинуҳо ва барномаҳоеро дар доираи ваколатҳои худ ва бо истифода аз саҳмгузориҳои ихтиёрӣ муайян ва таҳия намояд.

*Иҷлосияи 103-юми пленарӣ*
*13 августи соли 2024*